# Тақриз

*ба рисолаи доктории Бозорзода Нуриддин Шодипур «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)» аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика, ки барои дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ пешниҳод шудааст.*

Бозорзода Нуриддин Шодипур аз зумраи муҳаққиқони заҳматкаши публитсистика, бавежа жанрҳои журналистика маҳсуб меёбад. Вай солҳои охир ба таҳқиқи ҳаматарафаи жанри сафарнома дар матбуоти тоҷик машғул гардида, ин жанри камтаҳқиқро аз паҳлуҳои гуногун ва дар асоси сафарномаҳои адибону публитсистони дохилию хориҷӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор медиҳад.

Бояд гуфт, ки сафарнома яке аз жанрҳои маъмул ва хеле қадимаи публитсистикаи тоҷик буда, таърихи тӯлонӣ дорад. Он дар матбуоти замони муосир ҳамчун жанри публитсистӣ-бадеӣ мавқеи хоса дорад ва тӯли солҳои зиёд моҳияти худро нигоҳ дошта, хеле сайқал дидаву ташаккул ёфтааст. Инкишофи сафарнома дар даврони навин, яъне баъди инқилоби Октябр сурат мегирад. Хусусан, пас аз таъсиси рӯзномаву маҷаллаҳо дар Тоҷикистон бисёр жанрҳои публитсистика ташаккул ёфт, аз ҷумла, жанри сафарнома низ. Хусусияти умдатарини сафарномаҳои даврони мазкур дар он аст, ки тавассути онҳо хонандагон аз комёбиҳои илму техника, фарҳанг ва маданияти пешқадами халқи тоҷик ва мамолики хориҷӣ огоҳӣ меёфтанд.

Ин раванд, хусусан, дар нимаи дувуми асри XX хеле қувват мегирад ва сафарнома дар матбуоти тоҷик шакли муайян пайдо мекунад ва ҳамчун жанри фаъоли матбуот хусусиятҳои хешро доро мегардад.

Сафарнома дар замони соҳибистиқлолии кишвар ҳам мавқеи хешро аз даст надода, балки рушду нумӯъ намуд. Маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ хусусиятҳои жанрии сафарнома бештар зуҳур кард. Ҳоло он ҳодисаю воқеаҳои гуногунро ҳаматарафа инъикос намуда, хонандаро бо беҳтарин ва болотарин лаҳазоти сафар ошно месозад. Ин

раванд дар матбуоти даврии тоҷик бараъло ба чашм мерасад, ки дар рисола баррасӣ шудааст.

Бояд зикр кард, ки жанри сафарнома то кунун ҳаматарафа таҳқиқ нагардида буд ва дар системаи жанрҳои журналистика ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Бозорзода Н. Ш. ба омӯзиши жанри сафарнома машғул гардида, онро дар матбуоти тоҷик ҳаматарафа ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Мавзӯи диссертатсия актуалӣ буда, дар он масъалаи ташаккулу таҳаввули жанри сафарнома ҳамчун жанри публитсистика дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик пажӯҳиш шудааст. Дар пажӯҳиши мавзӯъ докторант муносибати илмӣ намуда, таҳлилу ташхис, назару андеша, мубоҳисаву хулосаҳои таҳқиқотиашро дар такя ба андешаҳои олимони соҳа бо асноду далелҳои муътамад ироа намудааст.

Дар диссертатсия хусусиятҳои жанрӣ, мавқеи муаллиф, хатти ҳаракати сафар, навъҳои сафарномаҳои матбуоти даврии тоҷик дар муқоиса бо жанрҳои дигари публитсистика таҳқиқ гардида, махсусиятҳои он нишон дода шудааст. Хосатан, ҳангоми таҳқиқ проблемаҳои пайдоиш, ташаккул, таҳаввул ва рушду нумӯи сафарнома ҳамчун жанри публитсистика дар замони гузашта, шӯравӣ ва соҳибистиқлолии кишвар таҳқиқ ва баррасӣ шудааст. Муҳаққиқ назари худро бо далелҳо асоснок кардааст. Ӯ муътақид аст, ки таҳқиқи сафарнома дар шинохту арзёбии саҳеҳи масъалаи зикршуда хидмат намуда, ҷойгоҳи ин жанри куҳанбунёдро дар системаи жанрҳои публитсистика муайяну мушаххас месозад.

Ҳамзамон таҳқиқи ҳаматарафаи сафарнома барои пурра гардидани жанрҳои журналистика мусоидат менамояд.

Диссертант манбаву сарчашмаҳоро, ки ба сафарнома алоқамандӣ доранд, омӯхта, назари донишмандон ва муҳаққиқони публитсистикаро таъкид намуда, ба хулосаҳои асоснок расидааст.

Аз таҳлилу баррасӣ, мазмуну муҳтаво ва масъалагузориҳои диссертатсия маълум мешавад, ки муаллифи рисола ба ҳадафи таҳқиқотии худ расидааст.

Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, бо муҳиммият, навгониҳои назариву илмӣ ва аҳаммияти амалӣ ба тамоми талабот ҷавобгӯ буда, фишурда ва маводи интишорнамудаи муаллиф мундариҷаи рисоларо дар сатҳи зарурӣ инъикос мекунад.

Умуман, рисолаи доктории Бозорзода Н. Ш. кори илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи навиштани рисолаҳои доктории КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Бозорзода Нуриддин Шодипур барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Мушовири илмӣ:
Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи журналистикаи
ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон
Масрур Абдуллозода

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30
Тел.: +992 988068601; + 992 446204213
E-mail: masrur_a@mail.ru

Имзои М. Абдуллозодаро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи Славянии Россия
ва Тоҷикистон
Давлатов Х.Х.

«19» 09 2020 с.